*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Икромӣ Фазлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

Масоили такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва афзоиши хавфҳои системавӣ аҳаммияти хоса пайдо намудааст. Низоми бонкӣ ҳамчун пояи асосии низоми молиявӣ ба тағйирёбии омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ хеле ҳассос мебошад. Дар чунин шароит, танзими макропруденсиалӣ ҳамчун воситаи калидии пешгирии буҳронҳои молиявӣ баромад мекунад. Асоси назариявии макропруденсиалӣ ба муайянсозӣ ва маҳдудсозии хавфҳои системавие равона шудааст, ки метавонанд ба суботи умумии низоми молиявӣ таҳдид намоянд. Дар доираи ин назария, робитаи мутақобилаи байни институтҳои молиявӣ ва таъсири занҷирии онҳо мавқеи муҳим дорад. Методологияи танзими макропруденсиалӣ маҷмуи усулҳо, нишондиҳандаҳо ва моделҳои таҳлили хавфро дар бар мегирад, ки барои арзёбии устувории низоми бонкӣ истифода мешаванд. Истифодаи стресс-тестҳо, буферҳои сармоявӣ ва маҳдудиятҳои қарздиҳӣ ҷузъҳои муҳими ин методология ба ҳисоб мераванд.

Дар амалия самаранокии танзими макропруденсиалӣ аз сатҳи ҳамоҳангии он бо сиёсати пулию қарзӣ ва молиявии давлат вобастагии зич дорад. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки татбиқи стандартҳои Базел III дар таҳкими суботи низоми бонкӣ нақши назаррас мебозад. Ҳамчунин, мутобиқсозии ин стандартҳо ба хусусиятҳои иқтисоди миллӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Равандҳои тадбиқи механизмҳои макропруденсиалӣ бояд хусусияти пешгирикунанда ва мутобиқшаванда дошта бошанд. Ин имкон медиҳад, ки хавфҳои пайдошаванда сари вақт ошкор ва маҳдуд карда шаванд. Нақши ниҳодҳои назоратӣ дар ташкили низоми самараноки мониторинги хавфҳо бисёр муҳим мебошад. Такмили заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ шарти зарурии татбиқи муваффақи сиёсати макропруденсиалӣ маҳсуб меёбад. Ҳамин тавр, рушди назариявӣ, такмили методологӣ ва татбиқи амалии танзими макропруденсиалӣ омили муҳими таъмини суботи молиявӣ ва рушди устувори низоми бонкӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқот хеле мубрам мебошад.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро ҷамъбаст намуда, муҳтавои онро ба таври мухтасар инъикос менамояд. Дар он навгониҳои илмӣ,

муқаррароти калидии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулосаву тавсияҳои илмии ҳосилшуда ва дигар ҷанбаҳои муҳими кори диссертатсионӣ баён гардидаанд. Муаллиф вобаста ба мавзуи тадкикот 53 асари илмӣ, аз ҷумла 2 монография ва 51 мақолаи илмиро ба табъ расонидааст, ки аз онҳо 28 адад дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашр шуда, тамоми самт ва натиҷаҳои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд.

Аз мухтавои автореферат бармеояд, ки ҷанбаҳои навоваронаи назариявӣ, методологӣ ва коркардҳои амалӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот дорои хусусияти мукаммал мебошанд. Диссертатсия таҳқиқи доираи васеи масъалаҳои мубрами марбут ба асосҳои методологии танзими макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкиро фаро мегирад. Аз ҷумла, таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои ақидаҳои олимони соҳа оид ба моҳияти иқтисодии танзими макропруденсиалӣ, механизми амалӣ гардидани танзими суботи молиявии макропруденсиалӣ дар низоми бонкӣ ва фишангҳои сиёсати макропруденсиалӣ (саҳ. 11-17) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, таснифи институтсионалии танзими макропруденсиалӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими нигоҳдории суботи молиявии низоми бонкӣ таҳлил шудааст (саҳ. 18). Таҳлили вазъи молиявӣ ва баҳогузории таъсири омилҳо ба раванди танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор ёфтааст (саҳ. 24-36). Муаллиф масоили гузаронидани фишорсанҷишҳо (стресс-тестҳо) дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар он 8 адад бонк: ҶСП «Арванд», КВД «Амонатбонк», ҶСК «Бонки Эсхата», ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон», ҶСК «Алиф Бонк», ҶСП «Спитамен Бонк», ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон», ҶСП «Ҳумо Бонк», инчунин 3 адад ташкилоти хурди қарзӣ: ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА», ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» ва ҶДММ ТАҚХ «МАТИН»-ро баррасӣ намудааст (саҳ. 36–43). Дар баробари ҳамаи ин, самтҳои такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ҷониби муаллиф мавриди пешниҳод қарор гирифтааст (саҳ. 43-45).

Муаллифи автореферат дар саҳифаи 46 оид ба татбиқи буфери сармоявӣ қайд мекунад, ки буферҳои сармоявӣ барои ташкилотҳои қарзии низомсоз ба хотири мустаҳкам кардани устувории низоми бонкӣ ва паст кардани эҳтимоли занҷираи хавф мебошад. Ин амалҳо ба он равона шудаанд, ки бонкҳои калони таъсиррасон бояд захираҳои иловагии сармоявӣ дошта бошанд, то дар ҳолати буҳрон қобилияти муқовимат карданро доро бошанд. Ба ин тартиб, тақозоҳои Базел III барои ташкилотҳои дорои аҳаммияти баланди низомӣ сахттар мегардад ва самти асосии фаъолияти онҳо пешгирии хатарҳои системавӣ мебошад. Ҷиҳатҳои арзишманди диссертатсия бисёранд, ки дар автореферат маълумоти мухтасар дар бораи онҳо оварда шудааст. Бо вуҷуди ин, дар сурати таваҷҷуҳи муаллиф ба як қатор нуктаҳои ҷудогона, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот боз ҳам баландтар мегардид. Вобаста ба ин, баъзе эродҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Муаллиф дар саҳифаи 14-и автореферат (расми 1) сохтори механизми амалӣ гардидани танзими суботи молиявии макропруденсиалиро

дар низоми бонкӣ пешниҳод намудааст. Бо вуҷуди ин, аз нигоҳи мо, мувофиқи мақсад мебуд, агар дар ин бахш муҳтавои ҳар як зерсохтори пешниҳодшуда ба таври мухтасар шарҳ дода мешуд, то мантиқи фаъолияти онҳо равшантар инъикос гардад.

2. Дар ҷадвали 3 (саҳ. 27) нишондиҳандаҳои вазъи устувори молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2005–2024 мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар баробари ин, ба назари мо, агар муаллиф тамоюли тағйирёбии ин нишондиҳандаҳоро дар робита бо ҳаҷм ва динамикаи Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ низ бо шарҳи матнӣ таҳлил менамуд, арзиши илмӣ ва таҳлилии бахш боз ҳам баландтар мегардид.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ метавонад онҳоро дар таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирад.

Хулосаи умумӣ аз омӯзиши муҳтавои автореферат чунин аст, ки диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми танзими макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ: назария, методология, амалия» ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 ва дигар муқаррароти Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Икромӣ Фазлиддин Нуриддин барои сазовор донистан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз арзанда мебошад.

Муқарриз:
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсент, ректори
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон [signature] Раҳмонзода З. Ф.

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Раҳмонзода З. Ф. - ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва назорат [stamp, signature] Абдуназаров А.

7.02.2026 сол.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қаробоев 63/3.
Тел.: (+99237) 2347988
E-mail: rektorat-favri-tut@mail.ru